# Анита Зайдӣ, суханронӣ дар маросими хатми таҳсили Донишгоҳи Осиёи Марказӣ , соли 2023

Ҷанобони олӣ Иманалиев Канибек Капашович, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон;
Саидзода Раҳим Ҳамро, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Алтинбек Эргешов, Раиси Вилояти Нарин;
ва Мирзонабот Алишер Худобердӣ, Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
Малика Заҳро Оғохон;
Раиси Шӯрои Парасторон, Доктор Шамш Кассим-Лакҳа,
ва аъзои Шӯрои Парасторон;
Максим Хомяков, Декани Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ
Устодону кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ;
Волидон ва аъзои хонаводаҳо;
Меҳмонони арҷманд;
Ва хатмкунандагони азиз.

Барои маро имрӯз ба ин маросим даъват намуданатон  сипосгузорам. Ин бароям мояи ифтихор аст, ки дар маросими хатми имсола суханронӣ менамоям.

Ман хатмкунандагони соли 2023-и Донишгоҳи Осиёи Марказиро бо ин рӯз  табрику муборакбод мекунам! Шумо ин корро анҷом додед. Имрӯз рӯзи шумост. Ман умедворам, ки шумо воқеан аз ин лаззат хоҳед бурд.

Ман имрӯз ду вазифа доштаам. Аввал ин ки бояд либоси муносиб бипӯшам. Ман дар Сиэттли Вашингтон зиндагӣ мекунам, шаҳре ки дар он ҷо ҷинс либоси замонавӣ шумурда мешавад, аз ин лиҳоз, ин либосе, ки имрӯз дар тан дорам, чизе нест, ки ба пӯшидани он одат дошта бошам.

Вазифаи дуввум он ҳаст, ки  ҳикмату маърифатро бо шумо дар миён бигзорам, то он дар муваффақ шуданатон дар марҳалаи баъдии сафари зиндагиатон мадад расонада бошад. Ман аз зиндагӣ ва шуғли худам, ки ба мубориза алайҳи бемориҳои сироятии кушандаи атфол ва эҷоди ҷаҳони аз нигоҳи ҷинсият баробар бахшида шудааст, мисолҳо хоҳам овард.

Вазифае, ки имрӯз ба ман супурда шудааст, вазифаи бузургест. Он, махсусан, ба ин далел душвор аст, ки шумо аллакай медонед чӣ гуна муваффақ шавед. Ин ки шумо дар назди мо, дар иҳотаи кӯҳҳои бошукӯҳ, бо либос ва кулоҳи хатми таҳсил нишастаед ва дар ҳоли гирифтани дипломҳои худ ҳастед, гувоҳи ин воқеият аст. Тақрибан аз чор се ҳиссаи  шумо дар деҳоти хурд ва манотиқи рустоӣ бузург шудаед. Аксарияти шумо садҳо, ҳатто ҳазорҳо километр аз хонаҳои худ дур ҳастед. Нисфе аз шумо аз ҷинси зан ҳастед. Барои бархе аз шумо, дар ин ҷо дарсҳо ба забоне таълим дода шуданд, ки аз забони хонаводагӣ ва забони макотиби қаблиатон фарқ мекард. Аммо шумо дар муддати чанд соли гузашта собитқадам  мондаед. Шумо дар замони бемории фарогир ба омӯзиш машғул будаед. Шумо дар мавриди чолишҳое, ки ин минтақаро таҳти таъсир қарор медиҳанд, огоҳии комил пайдо намудаед. Ба унвони подош, шумо дӯстӣ ва фазлу донишро ба даст овардед. Шумо аз тариқи ҷаласоти омӯзишии шабона, ҳакатонҳо (маҳфилҳои барноманависии роёна ва тавсеаи нармафзорҳо), озмунҳои ошпазӣ, консертҳои донишгоҳӣ ва

мусобиқоти рамэнхӯрӣ (як навъ ғизои Ҷопонӣ) дар миёни худ пайвандҳои якумриро эҷод намудед.

Шумо заҳмати душвор ва фидокориро медонед. Шумо, ҳамчунин, хӯрдани сабзавоти худ, мураттаб кардани тахти хоби худ, эҳтиром гузоштан ба калонсолон ва меҳрубон буданро медонед. Шумо ҳамаи инҳоро медонед.

Пас ман чӣ чизеро метавонам бо шумо дар миён бигзорам? Бархе аз суханронон дар робита бо иштибоҳоте, ки дар зиндагиашон муртакиб шудаанд ва он чизҳое, ки дар мавридашон пушаймон ҳастанд, пандҳое медиҳанд. Аммо ман як фарди абадан хушбин ҳастам. Ман бояд дар масири шуғли худ, яъне табдил додани ҷаҳон ба маконе беҳтар барои занон, кӯдакон ва ба таври куллӣ барои ҳама қарор дошта бошам. Бинобар ин, ман мехоҳам дарсҳоеро, ки дар мавриди чигунагӣ доштани як зиндагии ҳадафмандона, маънидор ва шод омӯхтаам, бо шумо дар миён бигзорам.

Вақте ки ман ба шумо, хатмкунандагони соли 2023 менигарам, 76 хатмкунандаро мебинам, ки хеле бештар аз дигар донишомӯзони ҳамсинну солашон дар саросари ҷаҳон омодаи тағйир додани ҷаҳон ҳастанд. Шумо саввумин соли хатмкунандагони ин донишгоҳ ҳастед, ки бо ҳадафи кумак кардан ба пешрафту шукуфоии ин минтақа таъсис дода шудааст. Ин як рисолаи фавқулода аст. Ман аз шумо мехоҳам, ки инро дар хотир дошта бошед ва дар ҳар ҷое, ки меравед барои амалӣ намудани он талош намоед.

Агар гуфтани ин сухан такаббур ҳисоб нашавад, метавонам бигӯям, ки ман таҷассуми худро дар шумо мебинам.

Солҳое начандон қабл, ман хатмкунандаи таҳсили риштаи пизишкии Донишгоҳи Оғохон дар кишвари худам, яъне Покистон будам. Хатми соли 1988. Ману ҳамсабақонам орзуҳои бузург доштем. Мо мехостем корҳои муҳимеро анҷом диҳем. Ман мехостам бо касб кардани ихтисоси як педиатр ё пизишки атфол ба кӯдакон кумак кунам.

Билофосила, пас аз маросими хатми таҳсил, мо фурсат пайдо намудем, ки бо Волоҳазрат Шоҳзода Карим Оғохон мулоқот кунем. Мо  ба ӯ саволҳои зиёд додем.  Яке аз табодули назарҳо воқеан дар зеҳни ман таъсири амиқ гузошт. Мо аз Волоҳазрат пурсидем: “Оё шумо барои мо ба унвони нахустин хатмкунандагони пизишкони Коллеҷи Тиббии Донишгоҳи Оғохон паёми хосе доред?” Ӯ бидуни ҳеҷ шакку тардид посух дод: “Ба Покистон хидмат кунед”.

Ҳамин қадар. Фақат ду калима. Ва ин ду калима дар тӯли умрам ҳамроҳи ман буданд.

Дар донишгоҳ ба мо омӯхтанд, ки раҳбарони андешаманд ва шаҳрвандони масъули ҷаҳон бошем. Ба назари ман, ин суханони Волоҳазрат Оғохон ишорае буданд, то омӯхтаҳои худро ба нафъи дигарон ба кор барем. Ман орзуҳои бузурге доштам ва ҳанӯз ҳам дорам, аммо ин суханон ба орзуҳоям ҳисси амиқи ҳадафмандӣ ва масъулиятро изофа намуданд.

Пас аз хатми таҳсил, ман муддатеро дар манотиқи шимоли Покистон гузарондам, ки аз ин ҷо чандон дур нест. Ман дар Хадамоти Ҳифзулсиҳати Оғохон кор мекардам. Барои ман ин як

замони бисёр муҳим буд ва ман дар бораи масоиле, ки зиндагии мардумро дар манотиқи душворгузари кӯҳистонӣ таҳти таъсир қарор медоданд, омӯхтам. Ман ҳанӯз ҳам метавонам таззоди шадидеро эҳсос кунам – қарор доштан дар иҳотаи зебоии ҳайратангез дар як муҳити воқеан ғуруршикан ва кор кардан дар ҷомеаҳое, ки бо чунин душвориҳо ва камбудиҳо мубориза мебаранд. Ман ошиқи кӯҳҳои баланд шудам ва фикр мекардам , ки тамоми умрамро дар он ҷо сипарӣ кунам. Аммо, ба ҷои ин, ман ба ҳадафам, ки табдил ёфтан ба як пизишки атфол буд, амал намудам ва барои идомаи таҳсил ба Амрико рафтам, то битавонам дар шакли беҳтарин ба Покистон хидмат кунам. Ман дар он ҷо 11 сол мондам. Ин муддате тӯлонӣ буд ва барои ба роҳ мондани як зиндагии роҳат кофӣ буд. Ману шавҳарам оила бунёд намудем. Аммо ман дар дуроҳӣ қарор доштам. Дар Амрико ин як замони илҳомбахше дар ростои мубориза алайҳи бемориҳои сироятии кӯдакона буд ва мо бар рӯи доруҳои муъҷизаосое барои дармон кардани вируси норасоии масунияти бадан (ВИЧ/СПИД) дар кӯдакон кор мекардем. Аммо ман медонистам, ки ин доруҳо ва бисёре аз васоили дигари наҷотдиҳандаи кӯдакон дар Покистон қобили дастрасӣ набуданд.

Бинобар ин, интихоби ман ин буд, ки: оё дар Амрико бимонам ва дар ин давраи таҳаввулофарин дар дармони бемориҳои сироятии кӯдакон саҳим бошам ё ба Покистон баргардам? Ман Покистонро интихоб намудам. Чаро? Барои он ки ман суханони Волоҳазратро ба хотир овардам: “Ба Покистон хидмат кунед”. Ман медонистам, ки ман ин корро анҷом дода метавонам. Ин сахттарин тасмиме буд, ки ман бояд мегирифтам ва аз он ҳаргиз пушаймон нестам. Ману аҳли оилаам анҷоми васоили худро ҷамъ карда, ҷониби хона раҳсипор шудем.

Дар ин ҷо, дар Осиёи Марказӣ чолишҳои азиме ҳастанд. Асароти бераҳмонаи тағйири иқлим дар атрофи мо ҷараён дорад ва таҳдиди ҷиддие барои тағйир додани ҳар ҷанбае аз зиндагии мо, махсусан дар ин минтақаи баландкӯҳдорад. Пиряхҳо дар ҳоли аз байн рафтан қарор доранд. Манотиқи бештаре ба биёбон мубаддал мегарданд Кишоварзон бояд зироатро бо истифодаи оби камтаре кишт кунанд. Кӯдакон бояд барои расидан ба мактаб аз миёни тӯфонҳои гарду ғубор убур кунанд. Ҳодисаҳои селравӣ, лағжиши замин ва хушксолӣ шадидтар мегарданд ва бештар рух медиҳанд.

Мо чӣ гуна бояд ба инояндаи гармтару хушктар мутобиқ шавем? Ин кори пурмашаққатеро тақозо мекунад .

Бинобар ин, ман мегӯям: «Ба Осиёи Марказӣ хидмат кунед. Он чӣ гирифтаед, бозпас диҳед». Дар миёни шумо шояд донишмандоне бошанд, ки битавонанд роҳҳои ҷадидеро барои кишоварзӣ ихтироъ кунанд, иқтисоддонҳое бошанд, ки барои равнақ додани иқтисод роҳҳои нави истифода аз манобеъи табииро пешниҳод намоянд, корофариноне бошанд, ки касбу кор ва шуғлҳои ҷадидеро дар ҳавзаи истифода аз навъҳои таҷдидпазири энержӣ эҷод кунанд, мутахассисони компютердоне бошанд, ки барои шиносоии рӯйдодҳои обу ҳавои шадид технологияҳои ҷадидеро тавсеа диҳанд ва рӯзноманигороне бошанд, ки давлатҳои моро дар ҳолати посухгӯӣ ва масъулиятшиносӣ нигоҳ доранд ва воқеъияти моро барои ҷаҳониён бозгӯ кунанд.

Ман медонам, ки ин метавонад мушкил бошад. Ёфтани роҳҳои ҳалли ҳамаи ин мушкилот зоҳиран дур ва душвор ба назар мерасад.

Як мисоли кӯтоҳеро аз зиндагии худам меорам. Вақте ки ман ба Покистон баргаштам, мехостам рӯи ҳамаи уфунатҳое, ки боиси марги кӯдакон мешаванд, кор кунам. Аммо мушкил бисёр бузург ба назар мерасид.

Ман корро мебоист аз ибтидо шурӯъ мекардам. Ман ба эҷод намудани барномаҳои омӯзишӣ ва пажӯҳишӣ дар ҳавзаҳои беҳдошти умумӣ ва бемориҳои сироятӣ ниёз доштам. Илова бар ин, ман ниёз доштам, ки пизишкони бештареро дар Покистон мутақоид созам, то бар рӯи уфунатҳои навзодон ва бемориҳои кушандаи кӯдакон, ки аз тариқи эмгузаронӣ қобили пешгирӣ буданд, тамаркуз кунанд. Мо барои кумакҳои молии бешуморе дархост намудем, таҳқиқоти зиёде анҷом додем ва баъдан барои мутақоид кардани афроди соҳибқудрат дар амри овардани тағйир аз ин таҳқиқот истифода намудем.

Мо сахтиҳо кашидем, ёд гирифтем ва каме бештар талош кардем. Мо дар чанд маврид муваффақият ба даст овардем ва бо гузашти замон вазъ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Ману тимам бунёдеро гузоштем, ки бар пояи он Покистон қодир шуд, то бисёре аз ваксинҳоро муаррифӣ кунад, аз ҷумла ваксинеро, ки кӯдаконро аз панҷ навъ бемории кушанда муҳофизат мекард. Акнун, ин ваксинҳо дар Покистон ва дар саросари ҷаҳон миллионҳо нафар кӯдаконро аз бемориҳои қобили пешгирӣ ҳифз менамоянд.

Вақте ки як мушкил бисёр бузург ба назар мерасад, бахши муҳими кор ин аст, ки бояд ба он шурӯъ кард. Мураббаъи аввали худро пайдо кунед ва сипас қадам бардоред. Шумо наметавонед ҳамаи корҳоро якбора анҷом диҳед, аммо агар шумо битавонед як қадами кӯчак ва сипас қадамҳои кӯчаки дигарро паиҳам бардоред, ин боиси муваффақ шудани шумо хоҳад шуд. Яке аз иқтибоси дӯстдоштаи ман аз Нелсон Мандела аст, ки гуфтааст: “То замоне ки як кор анҷом дода нашавад, он ҳамеша ғайриимкон ба назар мерасад”.

Ман аз коре ки дар Покистон анҷом додам, ифтихор мекардам. Ман бар ҷомеаи худ таъсири мустақиме доштам. Аммо ман дар Бемористони Донишгоҳи Оғохон кӯдаконеро медидам, ки бемории домана ё тифи шадиде доштанд.

Ман хеле аз кӯдакони мубтало ба доманаро дармон кардам. Аввалин мақолаи таҳқиқотие, ки ман ба унвони донишҷӯи риштаи пизишкӣ дар Донишгоҳи Оғохон мунташир намудам, дар бораи бемории домана ва муқовимати он дар баробари доруҳои мавҷуд буд. Дар солҳои баъдӣ таҳқиқоти бештаре сурат гирифтанд, мақолаҳои бештаре нашр шуданд, гузинаҳои дармонии бештаре озмоиш шуданд ва кӯдакони бемори бешуморе вуҷуд доштанд. Аммо аз ваксине, ки бемории доманаро пешгирӣ кунад, нишоне набуд.

Баъдан, дар соли 2014 Фонди Билл ва Мелинда Гейтс ба таври ғайримунтазира ба ман пешниҳоди шуғл кард. Ман дудила будам, зеро ошиқи кори худ дар Покистон будам. Шавҳарам ҳам шуғле дошт. Писарам танҳо 13 сол дошт. Ман намехостам зиндагии онҳоро аз решааш барканам. Аммо ман бори дигар ба ёди суханони Волоҳазрат уфтодам: “Ба Покистон хидмат кунед”. Бист сол қабл ин ба маънои бозгашт ба хона буд. Аммо ҳоло ба назарам расид, ки ин ба маънои рафтани дубора аст. Ман фикр кардам, ки шояд дар ин накши ҷадид битавонам таваҷҷуҳ ва манобеъро ба кашфи ваксини зидди домана равона намоям.

Бинобар ин, ман ба Амрико бозгаштам.

Дар соли 2019, 34 сол пас аз дармон кардани аввалин бемори домана дар Покистон, аввалин ваксини муздавиҷи доманаро ба кишварҳои камдаромад муаррифӣ намудем. Аввалин кишваре, ки онро ба таври ройгон ба ҳамаи кӯдакон муаррифӣ кард, Покистон буд.

Хатмкунандагони соли 2023, донишгоҳи шумо дар ҳақиқат як макони бисёр махсус аст. На фақат ба хотири зебоии дурахшони он, балки ба хотири устодони илҳомбахши он ва дӯстии якумрие, ки дар ин ҷо эҷод кардаед. Ин маконест, ки дар он зану мард бо ҳам баробаранд. Мутаассифона, ҷаҳон ҳанӯз ба таври комил ба Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ошноӣ ва иртибот пайдо накардааст.

Дар ҳоле ки дипломҳои худро дар ҷомадонҳоятон гузошта аз ин макон хориҷ мешавед, бо монеаҳои мухталифе рӯ ба рӯ хоҳед шуд. Ва сабаби бархе аз монеаҳо ногузир ҷинсияти шумо хоҳад буд.

Шумо духтарон ба эҳтимоли зиёд бо онҳо рӯ ба рӯ хоҳед шуд.

Ман ҳар кореро, ки аз дастам омад, барои кумак анҷом додам. Дар Покистон ба донишомӯзон раҳнамоӣ мекардам. Дар Фонди Гейтс, ман барномае эҷод кардам, то ба занон дар тай кардани роҳи худ ба самти мавқеиятҳои раҳбарӣ кумак кунам. Баъдан, се сол пеш, корфармоёни ман Билл ва Мелинда Гейтс аз ман хоҳиш карданд, то шуғли ҷадидеро бипазирам ва ҳадафам танҳо рафъи монеаҳое бошад, ки занону духтаронро дар қафомондагӣ нигаҳ медоранд. Ман ба ин хоҳиши онҳо посухи мусбат додам.

Ин масъулияти ман дар назди шумо хатмкунандагон аст. Бале, ба унвони масъули баробарии ҷинсӣ дар Фонди Гейтс, аммо ҳамчунин ба унвони маҳсуле аз он чӣ ки мумкин аст, замоне ки занон аз фурсатҳо ва эҳтироми мушобеҳ ба мардон бархурдор бошанд. Акнун ки шумо дар ин муҳити баробарии ҷинсиятӣ қарор доред, ман аз шумо мехоҳам, ки дар ҳоле ки ба ҷаҳони хориҷ по мегузоред, ин ахлоқро бо худ ҳамроҳ дошта бошед. Мардону занони зиндагии худро қаҳрамон созед. Ба мо нишон диҳед, ки вақте занону мардон ба таври мусовӣ ба корбурди комили потенсиали худ қодир мегарданд, бар чӣ навъ мушкилоту чолишҳое пирӯз мешаванд.

Хатмкунандагони соли 2023, ин замони шурӯъи кор аст. Ман умедворам, пас аз чанд даҳаи дигар ба имрӯз бо эҳсоси дилтангӣ нигоҳ накунед. Умедворам, аз пешрафте, ки аз он замон то кунун ба даст овардаед, ҳайрон хоҳед шуд. Умедворам, ки шумо сахт меҳнат  мекунед ва замоне, ки шароит сахту сангин мешавад, пойдор боқӣ бимонед. Умедворам донишу таҷрибаеро, ки дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба даст овардаед, барои беҳбуди зиндагии атрофиёнатон ба кор мебаред. Умедворам, ба фурсатҳои хидмат посух диҳед ва аз он ба унвони чароғе раҳнамо истифода кунед.

Хатмкунандагони азиз, бисёриҳо мегӯянд, ки ҷаҳони имрӯз дар як ҳолати вазнин қарор дорад. Аммо тавре ки пештар гуфта будам, ман як хушбини абадӣ ҳастам. Ва танҳо чизҳое, ки дар муқобили худ мебинам, ваъда, нерӯ ва ашхосе ҳастанд, ки корҳои шигифтангезро анҷом хоҳанд

дод. Фардо як оғози ҷадид аст. Наметавонам мунтазир бимонам, то аввалин қадамҳоятонро бимонед.

Аз ифтихоре, ки ба ман ба унвони суханрони аслии ин маросим бахшидед ва барои корҳои хубе, ки шумо дар ҷаҳон анҷом хоҳед дод, сипосгузорам.

Ва шуморо табрик мегӯям!